ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Зарипова Шаҳноза Тоҳировна дар мавзуи “Хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Таҳқиқу баррасии масъалаҳои назария ва амалияи журналистика, таърихи матбуот дар солҳои охир яке аз самтҳои муҳими пажуҳиш дар илми журналистика гардидааст. Дар ин замина, омӯзиш ва таҳқиқи публитсистикаи чеҳраҳои шинохтаи журналистикаи тоҷик низ аз шеваи муҳим ба шумор меравад. Пажуҳиши илмии муҳаққиқи ҷавон Зарипова Шаҳноза Тоҳировна таҳти унвони “Хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар”, ки маҳз ба ин мавзуъ бахшида шудааст, шоистаи дастгирист.

Аз автореферати диссертант Зарипова Шаҳноза маълум мегардад, ки диссертатсия аз назари сохторӣ аз муқаддима, чор боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёту нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст.

Дар муқаддима дар бораи мубрамият ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ, методологӣ ва сарчашмаи таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шаҳсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тавсиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзӯи диссертатсия ва сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муназзам сухан меравад.

Дар боби аввали диссертатсия ҳаёту фаъолият ва эҷодиёти публитсистии Ҳилолиён Аскар дар такя ба матни воқеиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоии асри ХХ баррасӣ гардидааст, ки ба назари мо яке аз ҷиҳатҳои

хуби диссертатсия ба шумор меравад. Вобаста ба ин, муаллиф кӯшидааст, ки нақши омилҳои замон ва муҳити иҷтимоиро дар ташаккули шахсияти Ҳилолиён Аскар нишон диҳад ва самтҳои асосии фаъолияти ӯро муайян созад.

Дар боби дуюм хусусиятҳои мавзуии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар, аз ҷумла унсурҳо ва сохтори мундариҷавӣ, хусусияти чеҳраҳои иҷтимоӣ ва ташаккулу таҳаввули онҳо дар асарҳои алоҳидаи ӯ ба таври возеҳу равшан мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта, диссертант ба хулосаҳои ҷолиб расидааст.

Дар боби сеюм масъалаи ҷойгоҳи публитсистикаи бадеӣ дар эҷодиёти нависанда баррасӣ гардида, муаллиф талош намудааст, ки ҷанбаҳои публитсистии осори бадеӣ ва консепсияи шахсиятро дар публитсистикаи Ҳилолиён Аскар мӯайян намояд.

Боби чорум ба масъалаҳои жанрҳои журналистӣ ва хусусиятҳои сохтории он бахшида шудааст. Дар ин боб бештар махсусияти жанрии осори бадеию публитсистии адиб мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар ин қисмат кӯшидааст, ки дар заминаи таҳлили нигоштаҳои Ҳилолиён Аскар ба андешаҳои хешро баён намояд ва то ҳадде ба ҳадаф расидааст.

Дар автореферати диссертатсия муҳаққиқ дар раванди омӯзиш ва таҳлили осори публитсистии Ҳилолиён Аскар аз усули таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ ва қиёсӣ-таҳлилӣ истифода карда, маҳорату малакаи хеле хуби ҷамъоварию таҳлил намудан ва хулосабарории аз диди назариявию амалӣ дақиқ ва судмандро нишон додааст. Ҳар як фасл ва боб бо хулосаҳои мушаххаси диссертант ба анҷом расида, аз риояи талаботи асосии навиштани диссертатсияи илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар хулосаи умумӣ бошад, муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти хешро дар 10 банд ҷамъбаст кардааст, ки дорои аҳамияти назарӣ ва амалӣ буда, ҳар яке аз ин бандҳо дар умум, хулосаи комили диссертатсияро нишон медиҳанд.

Автореферати диссертатсияи Зарипова Шаҳноза Тоҳировна бо услуби хоси баён, тарзи дурусти истифодаи иқтибос, таҳияи бобу фаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт дар асоси меъёрҳои таҳқиқоти илмӣ таълиф гардидааст.

Дар баробари арзишҳои илмию амалӣ дар автореферат баъзе норасоиҳои техникӣ ба назар мерасанд, ки арзиши онро кам намекунад. Автореферати диссертатсияи Зарипова Шаҳноза Тоҳировна бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар мавзуи "Хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар" ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10–Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Мукарриз:

номзади илми филология,
саромӯзгори кафедраи журналистикаи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: **Исмоилова Фарзона Қаюмовна**

Суроғa:
735360, ш. Кӯлоб,
кӯчаи С. Сафаров, 16,
e-mail: farzibonu@mail.ru
тел: (+992) 985995246

Имзои Исмоилова Ф. Қ.-ро
тасдиқ менамоям:
сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ **Амиров Ф.А.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС